**Такриз**

**ба фишурдаи рисолаи Раҳимов Холмаҳмад Баротович дар мавзӯи «Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик – Душанбе, 2018.**

Тадқиқи мавзӯи «Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ», ки дар шакли тадқиқоти монографӣ аз ҷониби муҳаққиқ Раҳимов Холмаҳмад Баротович бори аввал дар адабиётшиносии муосири тоҷик анҷом пазируфтааст, аз мавзӯъҳои хеле муҳим ва саривақтист. Зеро инкишофи адабиётшиносии муосири тоҷик бо номи шоири барҷаста, ҷӯянда ва навовар Лоиқ Шералӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. Шеъри ӯ ифодагари рӯзгору зиндагии рӯзмарраи мост. Паҳлуи осори ин шоири дардошно ва рӯзгори ӯ тадқиқотҳои нав ба навро мехоҳад.

Муаллифи рисола, чӣ тавре ки аз фишурдаи он бармеояд, дар тадқиқоти хеш ба ин ҷиҳати масъала таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, дар хусуси истеъдод ва қобилияти фавқулодаи Лоиқ Шералӣ бо фарогирии ҳама паҳлуҳои масъала мӯшикофона як рисолаи томи илмиро анҷом додааст. Албатта, дар ин замина, яъне пиромуни осори Лоиқ Шералӣ корҳои хубе ва мақолаҳои алоҳида нигошта шудаанд, аммо тадқиқоти анҷомдодаи диссертант паҳлӯҳои ҳунарии Лоиқ Шералиро дар адабиёти муосири тоҷик ва ҷойгоҳи ӯро дар ин ҷода бо далелҳои муътамад муайян намудааст.

Чунончӣ дар фишурдаи рисола маълум аст, рисола аз муқаддима, се боб ва хулосаю адабиёти истифодашуда иборат аст.

Раҳимов Холмаҳмад Баротович дар муқаддимаи фишурдаи рисолааш оид ба муҳимияти мавзӯъ сухан ронда, баъдан тадқиқотҳои анҷомёфтаро пиромуни мавзӯъ дақиқназаронаву мӯшикофона баррасӣ намудааст.

Дар боби аввали рисола, ки «Вазъи адабии солҳои шастуми садаи XX ва вижагиҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқ» унвон дорад, муҳаққиқ тавонистааст, дар асоси далелҳои муътамад вазъи иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии давраи аввали эҷодиёти Лоиқ Шералӣ, воқеаҳо ва санадҳои дақиқ, ки дар шаклгирии шахсият ва ҷойгоҳи шоирии ӯ нақши муҳим доштаанд, таҳлилу арзёбӣ намояд.

Боби дуввуми диссертатсия «Хусусиятҳои эҷодиёт ва ҳунари шоирии Лоиқ» ном дошта, аз се фасл: «Мавзӯоти шеъри Лоиқ ва биниши фардии ӯ», «Лоиқ ва ҳувияти миллӣ» ва «Тасвири табиат дар ашъори Лоиқ Шералӣ» иборат мебошад. Ин бобро муҳаққиқ роҷеъ ба нақши Лоиқ дар инъикоси мавзӯъҳои мухталиф, худшиносии таърихӣ ва ҳувияти милливу ашъори ба табиат бахшидаи ӯ мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор додааст.

Муҳаққиқ дар қисмати худшиносии миллӣ ва ҳувияти миллӣ чунин ибрози назар дорад: «Тамоюли худшиносии таърихӣ ва ҳувиятшиносии миллиро дар эҷодиёти Лоиқ шеърҳои ба таърих ва шахсиятҳои таърихӣ бахшидаи ӯ тақвият мебахшад. Ин гуна шеърҳо ҷузъи эхсос ва андешаи шоир буда, консепсияи ҳуввиятшиносии миллиро дар эҷодиёти шоир мушаххас месозанд. Лоиқ ба василаи ин шеърҳо метавонист, ки воқеияти таърих ва мушаххасоти рӯзгори чеҳраҳои таърихиро аз мӯҳтавои айнии он берун кашад ва ба он моҳияти инсонӣ ва миллӣ бахшад».

Боби сеюми рисола «Навҷӯиҳои Лоиқ Шералӣ дар навъҳои шеърӣ» ном дошта, аз ду фасл иборат мебошад.

Дар фасли аввали боб - «Падидаҳои шеъри нав дар эҷодиёти Лоиқ, муҳаққиқ дар заминаи ҷустуҷӯҳояш мавқеи эҷодии шоирро дар шеъри нав муайян намудааст. Ӯ дар натиҷаи тадқиқот мегӯяд, ки «Лоиқ дар ду шакли шеъри нав, ҳам нимоӣ ва ҳам шеъри озод, ки дар маҷмӯъ 215-то аст, шеър гуфтааст».

Дар фасли дуввуми боби сеюм, ки «Вижагиҳои чаҳорпораҳои шоир» унвон гирифтааст, диссертант ин шакли нави шеъриро таҳлилу

таҳқиқ намуда, ба хулосае меояд, ки гарчанде Лоиқ оғозгар набошад ҳам, тағйиру таҳаввуле дар сохтори поэтикии ин шакл ворид кардааст.

Дар қисмати хулоса, муҳаққиқ андешаҳо ва натиҷагириҳояшро возеҳу равшан ҷамъбаст намудааст. Мақолаҳои нашркардаи муаллиф, ки дар охири фишурдаи рисола оварда шудаанд, ифодагари мазмуни рисолаи илмӣ мебошанд.

Хулоса, рисолаи Раҳимов Холмаҳмад Баротович ба талаботи рисолаҳои номзадӣ ва талаботи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

Ғаффоров Мизроб Ҷалилович
номзади илмҳои филология, мудири
кафедраи педагогика- психологияи
Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент.

ИМЗОИ Гаффоров М РО
ТАСДИҚ МЕКУНАМ.
«7» 01 СОЛИ 2019
МУДИРИ ШУЪБАИ КАДРҲО